# 10 01 00 АДАБИЁТШИНОСӢ
# 10 01 00 ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ
# 10 01 00 LITERARY CRITICISM

*УДК 82*
*ББК 83.3*

## *ЧАНД СУХАН ОИД БА ВАЗЪИ АДАБИЁТШИНОСИИ МУОСИРИ ТОҶИК ДАР ӮЗБЕКИСТОН*

***Матлуба Мирзоюнус (Хоҷаева),*** *д. и.филол., профессори МДТ «ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

## *НЕСКОЛЬКО СЛОВ О СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИИ В УЗБЕКИСТАНЕ*

***Матлуба Мирзоюнус (Ходжаева),*** *доктор филологических наук, профессор ГОУ «ХГУ им. акад. Б. Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

## *SOME WORDS ABOUT MODERN TAJIK LITERARY STUDIES IN UZBEKISTAN*

***Matluba Mirzoyunus (Khojaeva)****,* *Dr. of Philology, Professor of the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand)* ***E-MAIL****: matluba.khojaeva@gmail.com*

***Калидвожаҳо:*** *адабиётшиносии тоҷик, таърихи адабиёт, робитаҳои адабӣ, марказҳои фарҳангӣ, рушди адабиёт, муҳити адабӣ*

*Мақола ба таҳқиқи вазъи адабиётшиносии муосири тоҷик дар Ӯзбекистон бахшида шуда, дар он равандҳои асосии рушди ин соҳа дар замони истиқлоли кишвари ҳамсоя баррасӣ шудааст. Қайд шудааст, ки дар замони муосир масъалаҳои асосии адабиётшиносии тоҷик бо таҳқиқи таърихи адабиёт, робитаҳои адабӣ, нақди адабӣ, пажӯҳиши доираҳои адабӣ, поэтикаи шеъри муосир ва ғайра алоқаманд буда, рушди он бо номи донишмандоне чун Садрӣ Саъдиев, Аҳмад Абдуллоев, Аслиддин Қамарзода, Ҷумъа Ҳамроҳ, Рамазон Абдуллоев, Сироҷиддин Хӯҷақулов, Ҳаёт Неъмат, Дилшодаи Фарҳодзод, Илҳом Эшонзода ва дигарон иртибот дорад. Муаллиф ба хулоса расидааст, ки адабиётшиносии муосири тоҷик дар Ӯзбекистон равандҳои гуногун дошта, аз зинда будан ва идома ёфтани суннатҳои қадим дар ин кишвар дарак медиҳад.*

***Ключевые слова:*** *таджикское литературоведение, история литературы, литературные взаимосвязи, культурные центры, развитие литературы, литературный круг*

*Проведено исследование состояния современного таджикского литературоведения и его направлений в Узбекистане в эпоху суверенитета республик. Отмечается, что в современную эпоху основные направления таджикского литературоведения связаны с исследованием истории литературы, литературных взаимосвязей, литературной критики, литературных кругов, поэтики современной поэзии и т.п. Развитие*

*современного литературоведения связано с именами Садри Саъдиева, Ахмада Абдуллоева, Аслиддина Камарзода, Джумы Хамроха, Рамазона Абдуллоева, Сироджиддина Худжакулова, Хаёта Неъмата, Дилшоды Фарходзод, Илхома Эшонзода и др. Обоснован вывод, что современное таджикское литературоведение Узбекистана многогранно, и это свидетельствует о продолжении древних литературоведческих традиций в этой стране.*

**Keywords:** *Tajik literary studies, history of literature, literary interrelations, cultural centers, development of literature, literary circle.*

*The article dwells on the study of Tajik literary studies' state and its trends in Uzbekistan in the period of sovereignty of the republics. It is noted that in modern period the main directions of Tajik literary studies are associated with the study of history of literature, literary interrelations, literary criticism, literary circles, poetics of modern poetry, etc. The development of modern literary studies is associated with the names of Sadri Sa'diev, Ahmad Abdulloev, Asliddin Kamarzoda, Juma Hamroh, Ramazon Abdulloev, Sirojiddin Hujakulov, Hayot Ne'mat, Dilshoda Farhodzod, Ilhom Eshonzoda and others. The author of the article comes to the conclusion that modern Tajik literary studies of Uzbekistan are multi-faceted and this indicates to the continuation of ancient traditions in this country referring to literary criticism.*

Дар дарозои таърих канори ҳам зистани мардуми тоҷик ва ӯзбек, асрҳои зиёд маркази адабӣ будани Самарқанду Бухорову Хӯқанд аз омилҳои асосии ташаккул ва таҳаввули муштараки суханшиносӣ ва суханварии ин халқҳо буда, дахолати сиёсати замон рушди адабиёт, равобити адабӣ ва фарҳангии ҳарду миллатро боздошта натавонистааст. Ҳатто дар замони истиқлолият, ки сарҳадҳо миёни ин кишварҳо баста шуданд ва рафту омад хеле мушкил гашт, таҳқиқи адабиёт ва фарҳанги тоҷикон дар Ӯзбекистон қатъ нагардид. Барои исботи ин андеша имкон дорад ба вазъи адабиётшиносии тоҷик дар ин кишвар як назари шитобзадае андохта шавад, то бубинем, ки дар замони муосир чӣ корҳоеро дар ин замина ҳамкорони ҳамсоямарзи мо анҷом додаанд.

Маълум аст, ки мушкилоти сиёсӣ ва сар шудани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар оғози солҳои 90-уми асри гузашта мардуми зиёдро водор кард, ки аз Тоҷикистон кӯч банданд ва ба кишварҳои собиқи худ баргарданд. Дар ин миён адабиётшиносони номвар, профессорон Холиқ Мирзозода ва Садрӣ Саъдиев ба Самарқанд, Аҳмад Абдуллоев ба Тирмиз баргаштанд ва дар ин маҳалҳо кори худро хеле пурсамар идома доданд. Бозгашти онҳо имкон дод, ки адабиётшиносии тоҷик дар ин маҳалҳо ривоҷ гирад ва мактабҳои хуби сухансанҷии тоҷикӣ ташаккул ёбанд ва рушд кунанд.

Дар Ӯзбекистон номҳои профессорон Аслиддин Қамарзода ва Ҷумъақул Ҳамроев, Баҳори Хуррамзод, докторҳои илми суханшиносӣ Ҳасан Қудратуллоев, Ҳамидҷон Ҳомидӣ, номзадҳои илм Дилшодаи Фарҳодзод, Ҷаъфар Муҳаммад Холмӯъминов, Абдусалом Самадов, Рамазон Абдуллоев, Сироҷиддин Хӯҷақулов, Фарҳод Исомаддинов, Олим Давлатов, муҳаққиқони соҳибкитоб Ҳаёт Неъмат, Абдуқайюми Ҳасанзод, Маъруф Отахонзода, Тиллоҷон Носирова, Амина Шарофиддинова, Абдукарим Шарифов, Рӯзибой Қурбониён ва дигарон, ки дар таҳқиқи масъалаҳои адабиёти тоҷик заҳмат мекашанд, маъруфанд.

Гузашта аз ин, роҳандозии фаъолияти марказҳои илмиву фарҳангии тоҷикон дар шаҳрҳои бузурги ин кишвар, мавҷудияти васоити ахбори омма ба забони тоҷикӣ, кӯшишҳое дар шинохти адибони форсу тоҷик –Рӯдакишиносӣ, Камолшиносӣ, Сайидошиносӣ, Мунҷикшиносӣ ва ғайра аз корҳои назарраси ин адабпажӯҳон дар солҳои охир ба шумор меояд.

Мо дар ин мақола тасмим гирифтем, ки дар бораи фаъолияти пурбори чанде аз ин донишмандони соҳибназар дар солҳои охир, ки равандҳои асосии адабиётшиносии тоҷикро идома бахшидаанд, маълумоти мухтасар диҳем.

Устод Садри Саъдиев, доктори илмҳои филологӣ, профессор, пас аз хатми Донишгоҳи давлатии Самарқанд аз соли 1962 то 1985 дар Институти шарқшиносӣ ва Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон кор карда, аз соли 1985 ба Самарқанд баргаштааст. Дар замони зиндагиаш дар Тоҷикистон монографияҳои "Сӯзанӣ ва муҳити адабии Самарқанди асри Х11" (1974), "Поэтикаи шоирони Мовароуннаҳри асри Х11" (1977), "Адабиёти тоҷик дар асри ХУ11" (1985), "Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дувуми асри Х1 ва нимаи аввали асри Х11" (1986) ва баъди бозгашт ба зодгоҳ "Адабиёти тоҷик (асрҳои ХУ1-Х1Х ва ибтидои асри ХХ)" (1998), "Нақшбандия ва таъсири он ба адабиёт" (1999), "Малеҳои Самарқандӣ ва тазкираи ӯ" (2001), "Тамоюлҳои асосии мазмуни ғоявии адабиёти тоҷики асри Х11" (2002), "Самарқанд адабий муҳити таърих кӯзгусида" (2009) ва ғайра аз чоп баромад. Монографияи "Маркази адабии Самарқанд лар шоҳроҳи таърих"-ро нашриёти "Ӯзбекистон миллий энсиклопедияси"-и Тошканд соли 2012 ба табъ расонид. Ин китоб ба таҳқиқи ҷараён ва тамоюлҳои рушди таърихии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар маркази адабии Самарқанд тахсис ёфта, дар он симои баъзе адибони намоёни ин шаҳри бузург ба қалам омадааст. Чунонки худи муаллиф қайд мекунад, дар ин асари ӯ даврабандии нави адабиёт корбаст шудааст. Ӯ таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикиро ба се давра ҷудо мекунад: қарнҳои 1Х-Х11, нимаи дувуми қарни Х1У то охирҳои қарни ХУ11, аз нимаи дувуми асри Х1Х то аввалҳои асри ХХ. Аз ин миён қарни Х111 то миёнаҳои қарни Х1У ва қарни ХУ111 то нимаи аввали қарни Х1Х-ро чун ду давраи суқути адабиёт истисно мекунад. Ба андешаи муаллиф, то ин дам "таърихи адабиёти тоҷик асосан аз рӯи тағйироти сиёсӣ – иваз шудани сулолаҳои ҳукмрон дар Моваруннаҳр ва Хуросон ва ба майдон омадани давлатҳои нав даврабандӣ мешуд. Мувофиқи он адабиёти мансуб ба давраҳои ҳукмронии Сомониён, Қарохониён (Илекхониён) ва Салҷуқиён, Темуриён, Шайбониён, Аштархониён (Ҷониён) ва Манғитиён" ба адабиёти қарнҳои 1Х-Х, адабиёти қарнҳои Х1-Х11, адабиёти қарни ХУ, адабиёти қарнҳои ХУ1-ХУ11, адабиёти қарни ХУ111 ва нимаи аввали қарни Х1Х, адабиёти нимаи дувуми асри Х1Х ва аввалҳои асри ХХ ҷудо карда, омӯхта ва таълим дода мешуд" (3, с. 6). С. Саъдиев даврабандии нави худро "на ба вобаста кардани адабиёт ба сулолаҳои ҳукмрон, балки ба қонуниятҳои дохилии тараққиёти таърихии худи адабиёт, хусусиятҳои касб кардаи он дар ҳар давраи тараққиёташ, тағйироти дар мавзӯъву мундариҷа, жанру услуб ва дигар риштаҳои он ба амал омада" (3, с. 6) асоснок кардааст. Дар ин китоби арзишманд дар бораи намояндагони маъруфи муҳити адабии Самарқанд, аз ҷумла Рашидии Самарқандӣ, Амъақи Бухороӣ, Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Шатранҷии Самарқандӣ, Бисотии Самарқандӣ, Риёзии Самарқандӣ, Султонмуҳаммади Нозимӣ, Ашкии Самарқандӣ, Муроди Самарқандӣ, Сарафрози Самарқандӣ, Мумтози Самарқандӣ, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, Ҳодии Самарқандӣ, Сипандии Самарқандӣ, Васлии

Самарқандӣ, Нақибхони Туғрал, Аҷзии Самарқандӣ, Ҷуръати Самарқандӣ ва дигарон маълумот дода шудааст.

Зимнан чунин ба назар мерасад, ки дар бораи марказҳои адабии шаҳрҳои бузурги таърихӣ таълиф шудани чунин китобҳо барои бозкушоии таърихи адабиёт кори басо судманд аст. Масалан, дар бораи марказҳои адабии Бухоро, Хӯқанд, Хуҷанд, Исфаҳон имкон дорад, ки мисли ин китоб асарҳои пурборе рӯи кор ояд.

Гарм шудани муносибатҳо бо кишвари ҳамсоя имкон дод, ки китоби нави профессор Сардӣ Саъдиев "Сайидои Насафӣ ва муҳити адабии Мовароуннаҳр" соли 2018 дар Душанбе интишор ёбад. Ин китоб аз асарҳои бунёдӣ дар Сайидошиносӣ буда, аз ду қисм иборат аст. Дар қисми аввали он сухан дар бораи муҳити адабии Мовароуннаҳр дар нимаи дувуми асри ХУ11, дар қисми дувум матолибе дар шинохти Сайидои Насафӣ оварда шудааст. Пешгуфтори ин китобро профессор А. Сатторзода ва номзади илмҳои филологӣ Анзурати Маликзод навиштаанд.

Фозили дигар доктори илмҳои филологӣ, профессор Аҳмад Абдуллоев аст, ки зодаи вилояти Сурхондарёи ноҳияи Бойсун буда, баъди хатми донишгоҳи педагогии Душанбе аз соли 1962 то соли 1996 дар Институти забон ва адабиёти АИ Тоҷикистон кор кардааст ва баъди он фаъолияти илмӣ ва таълимии худро дар Донишгоҳи давлатии Тирмиз идома додааст.

Рисолаи номзадиро дар мавзӯи "Ҳаёт ва эҷодиёти Адиб Собири Тирмизӣ" навишта, роҷеъ ба ҳаёту эҷодиёти Адиб Собир то имрӯз зиёда аз 60 мақола ба табъ расонидааст. Борҳо ашъори Адиб Собирро таҳия ва нашр намудааст. Монографияи "Адиб Собир Тирмизӣ: замон, ҳаёт ва эҷодиёти ӯ" (1969) низ идомаи корҳои А. Абдуллоев дар шинохти ин адиб аст. Аҳмад Абдуллоев муаллифи беш аз 400 мақола, монографияҳои "Заҳири Форёбӣ: замону ҳаёт ва эҷодиёти ӯ ( с. 1974), "Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI " (с. 1979), "Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дувуми асри XI ва аввали асри XII " (с. 1986) бо ҳамроҳии С. Саъдиев) ва очерки илмию бадеии "Абулқосими Фирдавсӣ"аст. Соли 1983 дар мавзӯи "Масъалаҳои жанр ва услуб дар лирикаи форсу тоҷики нимаи аввали асри XI " рисолаи докторӣ дифоъ кардааст.

Баъди бозгашт ба Тирмиз профессор Аҳмад Абдуллоев чандин асар таълиф намудааст, ки бархе аз онҳо ҳанӯз рӯи чопро надидаанд. Аз осори интишорёфтаи ӯ метавон роман-таҳқиқоти "Абӯабдулло Рӯдакӣ" (Тошканд, 2013) ва "Масъалаҳои рушди адабиёти тоҷик дар нимаи аввали асри ХУ (Доираи адабии Самарқанд)"-ро ном бурд. Китоби охир соли 2016 дар нашриёти "Бухоро"-и Душанбе аз чоп баромад. Дар ин рисола кӯшиш ба харҷ рафтааст, ки раванди адабии нимаи аввали асри ХУ бознигарӣ шуда, таҳлили нисбатан нави эҷодиёти адибони ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр пешниҳод шавад. Ин асар аз се боб иборат буда, дар боби аввал вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва илмиву адабии асри ХУ дар Самарқанд, дар боби дуввум ҳаёт ва фаъолияти адабии Хоҷа Исмати Бухороӣ ва дар боби охир рӯзгор ва мероси адабии Хаёлии Бухороӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Ба ғайр аз асарҳои номбурда Аҳмад Абдуллоев чанд асар ба забони ӯзбекӣ, аз ҷумла перомуни масоили тасаввуф ("Тасаввуф ва унинг намояндалари" (Тошкент, 2009) ва навоишиносӣ ("Навоий ҳақида 22 мақола", 2011) нашр намудааст, ки аз паҳлӯҳои дигари фаъолияти илмии ӯ дарак медиҳанд.

Профессори Донишгоҳи давлатии Самарқанд Аслиддин Қамарзода аз олимони пурмаҳсули Ӯзбекистон аст. А. Қамарзода роҷеъ ба асарҳои тарҷумаиҳолии адибони Осиёи Марказӣ рисолаи номзадӣ навишта, дар идомаи фаъолияти худ оид ба

адабиёти тоҷик дар Ӯзбекистон, масъалаҳои робитаҳои адабӣ, адабиёти ҷаҳон ва ғайра осори зиёде таълиф намудааст. Як қисми зиёди корҳои ӯ бо раванди таълим алоқаманд буда, дар ин замина барномаҳои таълимӣ оид ба таърихи адабиёти ҷаҳон, адабиёти тоҷик, асосҳои журналистика ва ғайра таълиф намудааст.

Монография ва маҷмӯаи мақолоти ӯ "Робитаҳои адабии халқҳои Осиёи Миёна", "Ҳамнафаси замон", "Мақоми санъат ва адабиёт дар ташаккули зебоишиносии шахс", "Мавқеи Самарқанд дар адабиёти Шарқ", "Бӯстони маърифат" аз заҳмати ҳамешагии ин муҳаққиқи маъруф дарак медиҳанд. Ӯ муаллифи беш аз 500 мақолаи илмӣ-оммавӣ аст, ки дар Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Русия, Эрон, Олмон, Чехия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико нашр шудаанд. Яке аз самтҳои асосии пажӯҳишоти ӯ муаррифии адабиёти тоҷик ва адибони тоҷикзабон аст, ки дар ин замина низ ӯ на танҳо мақолоти илмӣ навиштааст, балки дар таҳия ва нашри маҷмӯаҳои дастҷамъӣ низ саҳм гузоштааст. Гузашта аз ин, худаш низ ашъоре дар мавзӯъҳои мухталиф эҷод намуда ва дар тарҷумаи осори адибони ӯзбек ба забони тоҷикӣ низ даст дорад.

Аслиддин Қамарзода дар таълифи "Донишномаи забон ва адабиёти форсӣ-тоҷикии Ӯзбекистон (қарни XX то кунун)"ҳамроҳ бо ҳаммуаллифон Аббосалии Вафоӣ ва Ҷаъфари Муҳаммад (Теҳрон, 2005) заҳмат кашидааст ва дар ин китоб беш аз 300 мақолаи ӯ ҷой ёфтаанд.

Китоби дигар, ки аз ҷониби ин муҳаққиқ, ки таҳти унвони "Самарқанд дар шеъри шоирон" мураттаб шудааст, соли 2007 дар Теҳрон бо тиражи 2000 нусха интишор ёфта, на танҳо шеърҳои ба Самарқанд бахшидаи шоирон, балки маълумоти мухимеро дар бораи маҷаллаву рӯзнома, маҳфилҳои фарҳангии Самарқанд ва чанд китоби тахассусӣ оид ба ин шаҳри бостонӣ фароҳам овардааст.

Муҳаққиқи дигар доктори илмҳои филологӣ Ҷумъақул Ҳамроев мебошад, ки аз устодони пешбари Донишгоҳи давлатии Самарқанд буда, рисолаи номзадии худро дар мавзӯи "Танқиди насри солҳои шаст ва аввали ҳаштод" ва рисолаи доктории дар мавзӯи "Танқиди адабии тоҷик дар солҳои 60-80-и асри XX (худогоҳии танқид, танқиди назм, танқиди наср)" ба дифоъ расонидааст. Дар асри XX1 ӯ як силсила асарҳо роҷеъ ба таърихи адабиёти форсу тоҷик ва нақди адабӣ навишта, ба табъ расонидааст, ки аз он ҷумла "Нақди Юнони қадим ва шеъри форсии тоҷикӣ" (Самарқанд, 2001), "Ҷараёнҳои адабӣ" (Самарқанд, 2002), "Нақди насри бадеии тоҷикӣ" (Душанбе, 2005), "Адабиёт" (китоби таълимӣ, Тошкент, 2005), "Таърихи танқиди адабӣ" (Душанбе, 2006), "Нақди шеър" (Тошкент, 2006), "Таърихи адабиёти навини тоҷик" (Тошкент, 2015) мебошанд. Дар китоби охир, ки барои донишҷӯёни донишгоҳҳои олӣ барои ихтисоси филологияи тоҷик пешниҳод шудааст, муаллиф адабиёти охири асри X1X то имрӯзро ба се давра ҷудо намуда, давраи аввалро адабиёти давраи маорифпарварӣ, давраи дувумро даврони инкори суннатҳо ва мерос ва давраи охиринро даврони бозгашт ва эҳё (аз охирҳои солҳои панҷоҳум ба баъд) ном гузоштааст. Дар ҳар давраи адабиёт ӯ чеҳраҳои маъруфро ҷудо намуда, роҷеъ ба рӯзгор ва осори онҳо изҳори назар кардааст ва намунаҳоеро аз осори онҳо ҷой додааст.

Дар Донишгоҳи Самарқанд муҳаққиқи хуби дигар номзади илмҳои филологӣ Сироҷиддин Хӯҷақулов низ фаъолият дорад. Ӯ ба яке аз мавзӯъҳои муҳим ва камтар таҳқиқшудаи адабиёти тоҷик – адабиёти давраи маорифпарварӣ машғул шуда, дар ин замина мақолоти зиёд ва рисолаи номзадиро таҳти унвони "Хусусиятҳои жанрии адабиёти маорифпарварӣ" таълиф намудааст. Мавзӯи рисолаи доктории эшон низ ба баррасии адабиёти ҳамин давра марбут буда, "Таҳаввули жанрҳои лирикӣ дар

адабиёти маорифпарварии тоҷик ва ӯзбек” унвон дорад ва шояд дар замони истиқлолият яке аз аввалин кӯшишҳои дар ҳамбастагӣ омӯхтани падидаҳои адабии ду халқ бошад. Маҳсули пажӯҳишҳои ӯ дар шакли китоби дарсӣ барои донишҷӯёни ихтисоси филологияи тоҷик бо номи “Адабиёти давраи бедории миллӣ” (нимаи дувуми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ) соли 2015 дар Тошканд аз чоп баромадааст ва муаллиф дар он саъй намудааст, ки адабиёти ин давраро аз нигоҳи нав шарҳу тафсир намояд. Дар ду мақолаи аввали ин китоб сухан дар бораи вазъияти сиёсиву иҷтимоии Осиёи Марказӣ дар нимаи дувуми асри Х1Х, мафҳумҳои “давраи бедории миллӣ” ва “маорифпарварӣ”, ҳаёти адабии нимаи дувуми асри Х1Х ва равияҳои асосии он рафтааст, ки дар онҳо консепсияи асосии шинохти ин давраи адабиёт муайян карда шудааст. Аз чеҳраҳои адабии ин давра ҳаёт ва фаъолияти Аҳмади Дониш, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Абдулқодирхоҷаи Савдо ва Шамсиддини Шоҳин мавриди омӯзиши махсус қарор гирифтааст.

Адабиёти ибтидои асри ХХ низ пас аз мақолаи обзорӣ ҳаёт ва мероси адабии ҳашт нафар адибони ин давра: Мирзо Сироҷи Ҳакими Бухороӣ, Шарифҷон Махдуми Садри Зиё, Абдурраруфи Фитрат, Саид Аҳмад Сиддиқии Аҷзӣ, Тошхоҷа Асирӣ, Саидаҳмади Васлӣ, Нақибхони Туғрал, Муҳаммадсиддиқи Ҳайратро дар бар мегирад, ки дар маҷмӯъ як манзараи умумии адабиёти ин давраро мунъакис менамояд.

Дар Самарқанди бостонӣ адибон низ дар кори пажӯҳиш саҳми муносиб мегузоранд. Яке аз онҳо суханвари хушзавқ, марди бедордил ва ҷоннисори миллати тоҷик Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ аст, ки дар баробари осори арзишманди адабӣ як асари пурбореро бо номи “Фарҳанги вожаҳо ва ифодаҳои мардумӣ дар осори Мавлавӣ” таҳия намудааст, ки он ҳосили заҳматҳои зиёди муаллиф буда, дар шинохти беҳтари Мавлавӣ ва забони ӯ мусоидат менамояд.

Ҳазратқулиён Дилшодаи Фарҳодзод низ шоир ва муҳаққиқи хуби Ӯзбекистон, муаллифи якчанд маҷмӯаҳои шеърӣ, номзади илмҳои филологӣ, дар айни ҳол бо кори таҳқиқ ва тадрис низ машғул аст. Устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд, ӯ ба таҳқиқ ва шинохти шеъри муосири тоҷик ва, махсусан, ашъори Фарзона таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, рисолаи номзадии худро низ ба ҳамин мавзӯъ бахшидааст. Дар монография ӯ “Поэтикаи шеъри Фарзона” (Самарқанд, 2011) масъалаи жанрҳои суннатӣ, мавқеи шеъри нав дар ашъори Фарзона ва поэтикаи ашъори ӯ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Гузашта аз ин, дар мақолаҳои ӯ ба масъалаҳои шеъри сафед, инчунин ашъори бонувони суханвар муроҷиат шудааст.

Адабиётшиносии тоҷик дар Донишгоҳи давлатии Тирмиз низ алҳол ҷойгоҳи хос пайдо кардааст. Дастпарвари донишгоҳи Самарқанд Рамазон Абдуллоев, ки аз устодони маъруф Воҳид Абдуллоев, Ботирхон Валихӯҷаев, Раҳим Муқимов, Шавкат Шукуров, Нуриддин Шукуров, Солиҳ Ҳалимов, Аслиддин Қамаров, Амон Воҳидов, Ҷумъа Ҳамроев сабақ омӯхтааст, соли 2000 дар мавзӯи “Маҳорати эҷодии Амирушшуаро Муиззӣ" таҳти раҳбарии профессор Аҳмад Абдуллоев рисолаи номзадии худро дифоъ намуд. Солҳои охир ӯ ба омӯзиши мероси илмӣ ва ҳаёти Ҳаким Тирмизӣ ва Мунҷики Тирмизӣ машғул буда, соли 2016 девони Мунҷикро ба табъ расонидааст.

Адабиётшиносии тоҷикро дар Тирмиз соли дувум аст, ки номзади илмҳои филологӣ, дастпарвари Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Илҳом Эшонкулов низ намояндагӣ мекунад. Рисолаи номзадии ӯ ба таҳқиқи тазкираҳои Ҳашмат бахшида шуда, дар ин замина монографияи ӯ низ интишор ёфта

буд. Гузашта аз ин, ӯ дар нашри тазкираи Шаръӣ низ, ки яке аз сарчашмаҳои адабии аз назар дур мондаи охири асри Х1Х-ибтидои асри ХХ мебошад, саҳм гирифтааст. Ин муҳаққиқи ҷавон ва кӯшо алҳол ба таълифи рисолаи доктории худ, ки ба масъалаҳои поэтикаи насри охири асри Х1Х-ибтидои асри ХХ марбут аст, машғул мебошад.

Чунонки гуфта шуд, дар Ӯзбекистон дар шинохти шайх Камоли Хуҷандӣ низ солҳои охир як силсила корҳо ба сомон расонида шудааст. Аз ҷумла, нашри девони шайх Камоли Хуҷандӣ дар тарҷумаи Олимҷон Бӯриев, ки соли 2019 дар Тошканд бо сарсухани академик Азиз Қайюмов интишор ёфт, мақолаи Рӯзибой Қурбониён "Ҷаҳонбинӣ, аҳволи рӯҳӣ ва эътиқоди Камоли Хуҷандӣ" ("Ховар", 2019, 9 феврал), баргузории конфронси илмӣ ба муносибати 700-солагии шоир дар Тошканд ва Тирмиз, интишори ахбори ин чорабиниҳо дар ВАО-и Ӯзбекистон, таълифи мухаммасҳо ба ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ (масалан, мухаммаси Аслиддин Қамарзода ба ғазали "Гуфтем, гуфтем"), таҳияи сурудҳо ба ашъори Камоли Хуҷандӣ ва ғайра аз муҳаббати фарҳангиёни ин кишвар ба шоири мо гувоҳӣ медиҳад.

Қобили зикр аст, ки дар шинохт ва муаррифии адабиёти тоҷик фаъолияти ройзании фарҳангии ҶИЭ дар Ӯзбекистон, нашри китобҳо аз ҷониби ин муассиса, аз ҷумла "Донишномаи забон ва адабиёти форсӣ-тоҷикии Ӯзбекистон"(Теҳрон, 2005), "Симои фарҳанги Ӯзбекистон"(Теҳрон, 2006), таълифоти намояндагони суханвари ин кишвар Аббосалии Вафоӣ, Иброҳими Худоёр (мураттиби китоби тазкирагунаи "Ғарибаҳои ошно") ва дигарон назаррас аст. Гузашта аз ин, таъсис ва фаъолияти марказҳои фарҳангӣ дар шаҳрҳои бузурги Ӯзбекистон барои рушди адабиёт ва адабиётшиносии тоҷик мусоидат менамояд.

Инак, аз ин баррасии иҷмолӣ ва сайри кӯтоҳ маълум мешавад, ки адабиётшиносони тоҷики Ӯзбекистон ба масъалаҳои мухталифи таърихи адабиёти тоҷик, накди адабӣ, робитаҳои адабӣ, таҳқиқи доираи адабии Самарқанд, адабиёти давраи маорифпарварӣ, поэтикаи шеъри муосир ва ғайра машғул буда, ба қадри имкон ва тавони худ дар рушди адабиётшиносии тоҷик саҳми худро гузоштаанд.

Албатта, дар як мақолаи хурд имкони баррасии тамоми паҳлӯҳои кори адабиётшиносони тоҷики Ӯзбекистонро фаро гирифтан имкон надошт ва шояд мо аз бархе асарҳои шоистаи донишмандони кишвари ҳамсоя бехабар монда бошем. Алҳол, ки имкониятҳо барои равобити илмиву адабиву фарҳангӣ бештар шудааст, умед аст, ки аз таълифоти судманди ҳамкорони ӯзбекистонии худ роҷеъ ба паҳлӯҳои гуногуни адабиёти тоҷик бештару беҳтар огоҳӣ ёбем ва ин мақоларо такмил диҳем.

**_Пайнавишт:_**

1. *Абдуллоев А. Масъалаҳои рушди адабиёти тоҷик дар нимаи аввали асри ХУ (доираи адабии Самарқанд).–Душанбе: Бухоро, 2016–150 с.*
2. *Мунҷики Тирмизӣ. Девон. Ашъори пароканда / Таҳиякунандаи чоп, муаллифи пешгуфтор ва тавзеҳот Рамазон Абдуллоев.–Тошкент: Янги нашр, 2016.–120 с.*
3. *Саъдиев С. Маркази адабии Самарқанд дар шоҳроҳи таърих.–Тошканд: Ӯзбекистон миллий энциклопедияси, 2012.–400 с.*
4. *Саъдиев С. Сайидои Насафӣ ва муҳити адабии Мовароуннаҳр дар нимаи дувуми асри ХУ11.–Душанбе, 2018.–296 с.*
5. *Хӯҷақулов С. Адабиёти давраи бедории миллӣ. Нимаи дувуми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни донишгоҳҳои олӣ аз рӯи тахассуси*

*5120100-филология ва омӯзиши забонҳо (филологияи тоҷик).–Тошканд: Нашриёти илмии давлатии "Ӯзбекистон миллий энциклопедияси", 2015.–360 с.*
6. *Ҳазратқулиён Дилшода. Поэтикаи шеъри Фарзона.–Самарқанд, 2011.–176 с.*
7. *Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ. Фарҳанги вожаҳо ва ифодаҳои мардумӣ дар осори Мавлавӣ.–Душанбе: Адиб, 2017.*
8. *Ҳамроев Ҷ. Таърихи адабиёти навини тоҷик. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни донишгоҳҳои олӣ аз рӯи тахассуси 5120100-филология ва омӯзиши забонҳо (филологияи тоҷик).–Тошканд: Тамаддун, 2015.–544 с.*
9. *Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ. Тазкират-уш-шуаро / Таҳиякунандаи чоп Илҳом Эшонқулов.–Хуҷанд: Хуросон, 2015.–228 с.*
10. *Эшонқулов И. Тазкираҳои Ҳашмати Бухороӣ ва аҳаммияти илмиву адабии онҳо.–Хуҷанд: Нури маърифат, 2014.–168 с.*

**_Refferences:_**

1. *Abdulloev A. Issues of the Development of Tajik Literature in the first Half of the 15th Century. (Samarqand literary circle).- Dushanbe: Bukhoro, 2016 – 150 pp.*
2. *Munjiki Tirmizi. Devon. Scattered Poem/ Edited by Ramazon Abdulloev.- Tashkent: Yangi Nashr, 2016.- 120 pp.*
3. *Sa'diev S. Samarkand Literary Center on the Historic Path.- Tashkent: Uzbek National Encyclopedia, 2012.- 400 pp.*
4. *Sa'diev S. Saiidoi Nasafi and Movarounnahr's Literary Environment in the second Half of the 17th Century.- Dushanbe, 2018.- 296 pp.*
5. *Khujaqulov S. Literature in the Period of Nation`s Awakening. The second Half of the 20th and the Beginning of the 21st Centuries. Textbook for University Students in Philology and Language Learning Specialities5120200 (Tajik Philology).- Tashkent: State Scientific Publishing House "Uzbek National Encyclopedia", 2015.- 360 pp.*
6. *Hazratquliyon Dilshoda. Poetics of Farzona's Poem.- Samarkand, 2011.- 176 pp.*
7. *Hayot Ne'mati Samarkandi. Dictionary of Public Words and Expressions in Mavlavi's Works.- Dushanbe: Man-of-Letters, 2017.*
8. *Hamroev J. Modern History of Tajik Literature. Textbook for University Students in Philology and Language Learning Specialties (5120100) (Tajik Philology).- Tashkent: Tamaddun, 2015.- 544 pp.*
9. *Hoji Abdulazimi Shar'i. Tazkirat-ush-Shuaro./ Edited by Ilhom Eshonqulov.- Khujand: Khuroson, 2015.- 228 pp.*
10. *Eshonqulov I. Hashmati Bukhoroi's Tazkiras and their Scientific and Literary Significance.- Khujand: Light of Enlightenment, 2014.- 168 pp.*